ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО”

# НИЗОМНОМАИ
# ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ВА БОЗОМӮЗИИ КАСБӢ

Душанбе - 2018

«Тасдиқ шудааст»
дар ҷаласаи Шӯрои олимони ДДТТ ба
номи Абӯалӣ ибни Сино аз
«___» __________соли 2018 №11
раиси Шӯрои олимон д.и.т., профессор
Гулзода М.К.
____________________
«___» 06 с.2018

# НИЗОМНОМАИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КАСБИИ

## МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

**Душанбе**

## I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ дар кафедраҳо ва марказҳои клиникии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино зери назорат ва ҳамоҳангии Маркази таҳсилоти баъдидипломии донишгоҳ амалӣ мегардад.

1.2. Раванди такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону супоришҳои Вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолӣ, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Низомномаи Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ ба роҳ монда мешавад.

1.3. Барои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони донишгоҳ маблағгузорӣ аз аз ҳисоби буҷаи Донишгоҳ амалӣ карда мешавад. Манбаҳои иловагии маблағгузорӣ ин маблағхои тибки шартнома аз ташкилотҳои фармоишгар воридшуда, маблағҳои аз ҳисоби ташкили курсҳо, машваратҳо ва дигар намудҳои фаъолият, ки даромад меоранд, инчунин манбаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат медиҳад, сурат мегирад.

1.4. Низомномаи мазкур санади меъёрии ҳуқуқии Маркази таҳсилоти баъдидипломии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад, ки тартиби ташкил ва баргузории такмили ихтисос ва бозомузии касбии омӯзгорони донишгоҳ, муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи тиббӣ, табибон ва кормандони миёнаи тиббии муассисаҳои табобатию профилактикиро танзим менамояд.

## II. Ҳадаф ва вазифаҳо

2.1. Ҳадафи асосӣ ин ба таври зарурӣ ва мукаммал гузаронидани такмили ихтисос ва бозомузии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи донишу малакаҳои омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи тандурустӣ бо чалб намудани потенсиали кадрӣ ва шароити моддӣ-техникии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад.

**Вазифаҳои асосӣ:**

2.2. Ташкил ва гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ, муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи тиббӣ, табибони муассисаҳои табобатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;

2.3. Такмили таҷрибаву маҳорати педагогию табобатӣ, мӯзиш ва густариши таҷрибаи пешқадами ватаниву хориҷӣ, шакл ва усулҳои пешрафти таълиму табобат;

2.4. Қонеъ гардонидани талаботи ҳайати устодону профессорон ва мутахассисон баҳри дарёфти донишу дастовардҳои нав дар соҳаи илми тиб;

2.5. Вусъат бахшидан, ғанӣ гардонидан ва ба талаботи ҷомеъа мутобиқ намудани дониш ва маҳорати касбӣ;

2.6. Ба роҳ мондани робитаҳои илмӣ-методӣ, таълимӣ бо дигар корхонаву муассисаҳои таълимӣ, табобатӣ ва илмию истеҳсолӣ;

**III. Ташкил ва таъмини раванди таълим**

3.1. Ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва назорати раванди такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз тарафи директор ва кормандони Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ амалӣ мешавад;

3.2. Такмили ихтисос ва бозомузии касбии табибон ва кормандони миёнаи тиб тибқи мактуб ва аризаҳои муассисаҳои табобатию профилактикӣ аз рӯи номгӯи ихтисосҳе, ки аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад;

3.3. Ҷараёни таълим барои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ дар доираи нақша ва барномаи таълимӣ амалӣ мегардад;

3.4. Такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ ба таври таҳсили рӯзона мутобиқи ҷадвали дарсӣ, нақша ва барномаи таълимӣ сурат мегирад;

3.5. Дар давоми такмили ихтисос ва бозомузии касбӣ барои шунаванда берун аз соатҳои таълимӣ фақат фаъолият намудан ба сифати ҳамкор иҷозат дода мешавад;

3.6. Намудҳои зерини дарсҳо барои шунавандагон муқаррар карда мешавад: лексияҳо, дарсҳои амалӣ ва семинарӣ, сиклҳои сайёр дар минтақаҳо.

**IV. Намудҳои такмили ихтисос ва бозомузии касбӣ, давомнокии онҳо**

4.1. Дар Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ намудҳои зерини таҳсилоти баъдидипломӣ ва иловагии касбӣ амалӣ карда мешавад:

- такмили ихтисос дар сиклҳои такмили ихтисоси мавзӯӣ, умумӣ барои мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ аз рӯи ихтисосҳо тибқи номенклатураи тасдиқшуда;
- бозомӯзии касбии (ихтисосгирӣ) мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ тибқи барномаҳои дарозмӯҳлати таҳсил (зиёда аз 500 соат);
- такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорону профессорони муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи тиббӣ;
- такмили ихтисос аз фанҳои умумигуманитарӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, риёзӣ-табиатшиносӣ, тиббӣ-биологӣ барои омӯзгорону кормандони илмии муассисаҳои таълимӣ, марказҳо, коллеҷу омӯзишгоҳҳо ва шӯъбаҳои тайёрӣ.
- Такмили ихтисос 1 маротиба дар муддати на камтар аз 5 соли фаъолияти корӣ гузаронида мешавад; Бо зарурияти истеҳсолӣ дар ҳолатҳои истисноӣ бо дастури роҳбарияти донишгоҳ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ такмили ихтисос ва бозомузии касбӣ дар муҳали камтар аз тартиби муқарраршуда гузаронида мешавад;

4.2. Давомнокии таълим дар 1 рӯз 6 соати академӣ, машғулиятҳо 45 дақиқагӣ мебошад.

4.3. Маҷмӯъсозии сиклҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии ғайр аз дар нақшаи тақвимӣ пешбинишуда ба таври ғайринақшавӣ дар асоси дархостҳои роҳбарияти ташкилоту муассисаҳои табобатӣ, инчунин Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино тибқи шартномавӣ гузаронида мешавад.

4.4. Давомнокии таҳсил ва шаклҳои такмили ихтисос, бозомӯзии касбӣ мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи нақша ва барномаҳои таълимии тасдиқгардида муайян карда мешаванд.

## V. Шунавандагони сиклҳои такмили ихтисос ва бозомузии касбӣ

5.1. Шунавандагон ба сиклҳои такмили ихтисос ва бозомузии касбӣ бо фармони ректори донишгоҳ шомил мешаванд;

5.2. Ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои шунавандагон дар доираи Оинномаи донишгоҳ ва Низомномаи Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ муқаррар карда мешаванд;

5.3. Шунаванда ҳуқуқ дорад:

- Аз асноди илмию методӣ ва таълимӣ, китобхона, базаҳои клиникӣ ва хизматрасониҳои дигари донишгоҳ тибқи тартиби муқарраргардида дар доираи ҳуқукҳо ва салоҳияти худ истифода намояд;
- Дар конференсия ва семинарҳои донишгоҳ иштирок намояд, аз сайти донишгоҳ ва маҷаллаҳои илмӣ истифода намояд.
- Доир ба сатҳу сифати сиклҳо, коргузории Марказ ва дигар самтҳои фаъолият тибқи тартиби муқарраршуда фикру ақидаи худро баён намояд.

5.4. Шунаванда ӯҳдадор аст:

- Қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳро, кафедраҳо ва пойгоҳҳои клиникиро риоя намояд;
- Ба дарсҳо тибқи ҷадвали муқарраршуда иштирок намояд;
- Маблағи барои таҳсил муқарраршударо (барои шунавандагони тибқи шартнома таҳсилкунанда) саривақт ва дар ҳаҷми муқарраршуда ба хазинаи донишгоҳ пардохт намояд;
- Санҷиш ва имтиҳонҳои фанҳои дарсиро саривақт ва дар мухлати муқарраршуда супорад.

5.5. Сатҳи дониши азхудкардаи шунаванда аз руи натиҷаи ҷамъбасти сиклҳо, санҷишҳо ва супоридани имтиҳонҳо, ки аз тарафи комиссияи имтиҳонӣ гирифта мешавад, муайян мегардад;

5.6. Шунавандагоне, ки бомуваффақият таҳсилро ба итмом мерасонанд, бо шаҳодатнома дар бораи такмили ихтисос ва диплом оид ба бозомузии касбӣ таъмин карда мешаванд.

5.7. Ҳангоми иҷро накардани талаботи нақшаи таълимӣ, саривақт насупоридани имтиҳону санҷишҳо ва дағалона вайрон намудани қоидаҳои талаботи дохилии донишгоҳ шунаванда бо фармони ректори донишгоҳ хориҷ карда мешавад.

## VI. Ҳисобот оид ба фаъолият

6.1. Оид ба натиҷаи фаъолият дар самти такмили ихтисос ва бозомузии касбӣ аз тарафи директори Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ тибқи тартиби муайяншуда ба раёсати донишгоҳ дар доираи шакл ва мӯҳлати муайнгардида ҳисоботи муфассал пешниҳод менамояд;

6.2. Ҳисобот дар бораи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ соле як маротиба аз ҷониби директори Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ дар ҷаласаи раёсат ва Шӯрои олимони донишгоҳ пешниҳод карда мешавад;

6.3. Таҳлил ва тафтиши раванди такмили ихтисос ва бозомузии касбӣ аз тарафи раёсати донишгоҳ аз рӯи нақша соле 1 маротиба амалӣ мегардад. Дар сурати зарурияти истеҳсолӣ тафтиши ғайринавбатии ин самти фаъолияти Маркази таҳсилоти баъдидипломӣ бо фармони ректори донишгоҳ гузаронида мешавад.

6.4. Бе мувофиқа бо ректор ва Шӯрои олимони донишгоҳ иваз намудан ва ворид намудани тағироту иловаҳо ба низомномаи мазкур қатъиян манъ аст.

**Варақаи розигӣ**

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи розигӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба таълим | Ибодов С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Юсуфӣ С.Ҷ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ | Қобилов Қ.К. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба корҳои хоҷагидорӣ ва маъмурӣ | Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Директори Маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудов Х.Р. | | |
| 7. | Сардори бахши таъминоти хуқуқӣ | Саидов Ҷ.З. | | |